**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Таърихи ҷомеаи башарӣ оғоз аз ҷомеаи ибтидоӣ то ба қарни тараққиёти босуръати техника ва технологияи пешрафта бо муҳити зист ва биосфера, дар маҷмӯъ бо табиат робитаи ногусастанӣ дорад. Инсон ҷузъи табиат буда, дар он ташаккул ёфтааст ва сарвату конҳои онро аз худ намуда дар худ фарҳанги муносибатро бо табиат касб кардааст.

Аксарияти олимон ва муҳаққиқони мамлакатҳои гуногун воқеиятҳои мавҷударо дар экологияи сайёраи мо бӯҳронӣ ва марговар арзёбӣ карданд. Акнун пӯшида нест, ки ин вазъияти ногувор бо омилҳои зиёд, аз ҷумла афзоиши зиёди соҳаи истеҳсолот вобаста ба афзоиши аҳолии ҷаҳон, ҳаҷми зиёди истеъмоли захираҳои табиӣ, муносибати нодуруст ва ғайриоқилонаи инсон ба захираҳои табиат ва дар маҷмӯъ ба тамоми табиат алоқамандӣ дорад.

Дар боби якуми рисола ба омӯзиши **«Масъалаи назария ва амалияи ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) дар раванди таълими муассисаҳои таълимии олӣ»** бахшида шудааст.

Бояд гуфт, ки тамоми таърихи инкишофи инсоният бархӯрд ва зиддиятҳои доимии қонунҳои умумии экология ва амсилаҳои рафтори инсон буда, дар ин зиддият ҷамъияти инсонӣ пайваста ва фаъолона макони зистро дар робита бо принсипҳои фарҳангӣ танзим мекунад. Мавқеи афзоянда ва фаъоли инсон аз захираҳои танзими (худтанзимкунии) табиии низомҳои табиӣ хеле афзудааст ва маълум аст, ки сенарияи фалокати экологӣ дар миқёси ҷаҳонӣ дар солҳои наздик бештар эҳсос мешавад ва дар аксари таълифот оид ба тасаввуроти илмӣ ва дарки бӯҳрони экологӣ мушкилоти асосии замони муосир мебошад.

Дар ҷараёни ташаккул ва рушди истеҳсолоти моддӣ, ки ҳудуди он фавран дар зери таъсири инқилоби илмӣ-техникӣ афзоиш ёфт, фаъолияти табиат, офариниши инсон нисбат ба қобилиятҳои худтанзимкунии системаҳои табиӣ афзуда, хавфи фалокати ҷаҳонии экологиро ба вуҷуд овард.

Фарҳанги экологӣ ҳамчун фарҳанги ҷамъият ва ҳам чун фарҳанги шахсият мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Чун фарҳанги ҷамъият

фарҳанги экологӣ ҳодисаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар чаҳорчӯбаи муносибати дувум фарҳанги экологӣ чун сифати интегративии шахсиятии фард, ки фаъолият ва рафтори ӯро дар муҳити иҷтимоию табиӣ тавсиф мекунанд, ба таҳлил кашида шудааст.

Таҳлили корҳои иҷтимоию фалсафӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки фарҳанги экологӣ сифати иҷтимоӣ ва инфиродии инсон мебошад, ки хусусияти муносибати ӯро ба муҳити иҷтимоию табиӣ инъикос мекунад.

Фарҳанги экологӣ чун сифати шахсият дар худ ҷаҳоншинохт ва тафаккури экологӣ, низоми дониш, арзиш, эҳсос, меъёр ва қоидаҳои экологӣ, ҳамчунин тартиби фаъолияти ҳифзи табиат ва рафтори мутобиқ ба экологияро дар муҳити иҷтимоию табиӣ дарбар гирифтааст.

Исматдинов А.М. зарурати андешидани чораҳои фаъолро барои ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони ояндаи фанни технология тасдиқ мекунад, ки минбаъд ба баланд бардоштани сатҳи дониши экологӣ ва арзишии онҳо ба таври мусбӣ мусоидат мекунад.

Дар боби дуюми рисола **«Шартҳои дидактикии баланд бардоштани самаранокии ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)»** мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Таҳлил нишон дод, ки фанни пойгоҳии «Экология» ба ташаккули манзараи ҷамъбастии илмии олам нигаронида шудааст. Мундариҷаи ин фан дар назди худ мақсади ба фаъолияти экологию педагогӣ, яъне таълиму тарбияи экологии хонандагон омода сохтани омӯзгорони ояндаи технологияро нагузоштааст. Бинобар ин вазифаи коркард ва тафтиши таҷрибавии курси махсус ба миён омад, ки майдони мӯҳтавои он табиат, ҷамъият ва фарҳанги байни ҳам ҳамкорикунандаро бояд дарбар гирад. Ба фикри мо ин вазифаро фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» ҳал карда метавонад.

Аз ин ҷост, ки зарурияти таҳияи фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» ба миён омад. Заминаи маъноии он бояд таъсири байниҳамдигарии табиат, ҷомеа ва инсонро фаро гирад. Омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) бояд ба таври возеҳ фаҳманд, ки механизмҳои фарҳанги экологиро бо таъсири мутақобилаи инсон ва муҳити зист, инчунин хусусиятҳои таъсири фаъоли инсон ба муҳити зист муайян кардан мумкин аст.

Барнома барои 72 соати (3 кредит) омӯзиши аудиторӣ пешбинӣ шудааст, ки бо татбиқи лоиҳаи эҷодӣ ва санҷишӣ анҷом меёбад. Дар рафти татбиқи амалияи ташаккулдиҳанда курсҳо низ аз санҷиши таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шудаанд.

Муқоисаи воситаҳои дидактикӣ ҳаддалимкон сатҳи самаранокии ташаккули фарҳанги экологиро дар байни омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) муайян мекунад.

Дар робита ба ин муносибати педагогӣ ҳамчун як самти махсуси фаъолияти омӯзгорон дар автореферати диссертатсия баррасӣ гардидааст, ки ба расонидани кӯмак дар рушди шахсият ва касбии донишҷӯён, дастгирии психологию педагогӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои марбут ба раванди дохил шудан ба касби оянда равона карда мешавад.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, лоиҳаҳои таълимии эҷодӣ ба ду соҳа тақсим шудаанд: иҷтимоӣ-педагогӣ ва психологӣ-педагогӣ. Дар самти якум зарурияти эҷод кардани лоиҳаҳои низомҳои дорои хусусиятҳои педагогӣ, тарҳрезии муҳити соҳаи фарҳангӣ-маърифатӣ пеш меоянд. Вобаста ба самти дуюм таҳияи лоиҳаҳои унсури мӯҳтавои таълим, раванди педагогӣ, технологияҳои педагогӣ, (шаклҳо, усулҳо, воситаҳои таълим ва тарбия, фазои таълимӣ, фазоӣ, алоқаи иҷтимоӣ) барномаҳои рушди касбии донишҷӯён пеш меоянд.

Тавре аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, дар рафти таҳқиқот довталаб ба категорияҳои лоиҳаи эҷодӣ дар самти экологӣ ба донишу малака дар сохтори фарҳанги экологии шахсияти омӯзгори оянадаи технология (таълими меҳнат) таваҷҷӯҳи зарурӣ равона намудааст. Маълум, ки муаллифи автореферати диссертатсия дар татбиқи амалии таҷрибаи дар боло зикршуда таҷрибаи кофӣ дорад, зеро ӯ дар доираи фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» дар ҳаҷми 72 соат (3 кредит) бо донишҷӯён лексия ва семинарҳо гузаронидааст. Тибқи барномаи тарҳрезишуда муаллиф доир ба ташаккули фарҳанги экологӣ аз донишҷӯён навиштани иншоро тақозо намудааст. Ҳар донишҷӯ аз рӯйи мавзӯе, ки қаблан ба ӯ дода шудааст, иншо навишта, ба омӯзгор пешниҳод намудааст. Масалан, донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ дар мавзӯъҳои «Таърихи ташаккули экология», «Ташаккули экологӣ ва намудҳои он», «Масъалаҳои глобалии экологӣ», «Мундариҷа, шакл ва усулҳои тарбияи экологии ҷавонон», «Муҳити зист ва саломатии инсон» иншоҳои пурмуҳтаво навишта, туфайли он савияи маърифати экологии худро ифода намудаанд. Ин тадбир дар зеҳну шуури донишҷӯён хусусиятҳои экологиро ҷой медиҳад.

Инчунин аз ҷониби муаллиф асосҳои ин фан хеле ҷолиб пешниҳод шудаанд, ки омӯзиши онҳо барои омӯзгорони оянадаи технология (таълими меҳнат) хеле муфид хоҳанд буд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Исматдинов А.М. таҳти унвони "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони оянадаи технология (таълими меҳнат)" таҳқиқоти ба

анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири
кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

**Маълумот барои тамос:** Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ: aziz69@mail.ru

*Имзои А.Р.Мирзоев-ро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ ДБССТ* *Ҷураев Ш.Н.*